ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ

**Б. Одинаев**
**А. Мирзоев**
**М. Ёров**

# РОҲНАМОИ НАҚШАИ ТАЪЛИМ

**(барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ)**

**Зери назари директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ номзади илмҳои филологӣ Ш. Ёрмуҳамедов**

**Душанбе- 2013**

**Одинаев Б., Мирзоев А.** Ёров М. – Роҳнамои нақшаи таълим – Душанбе; 2012 -  33 саҳифа

**Муҳаррир:** Р. Илёсов

**Муқарризон: Ф. Асфияева–** сармутахассиси Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
**З. Шодиева** –  сардори шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Душанбе- 2013**

## Сарсухан

*Гузаштан ба низоми нави таълим дар оянда яке аз самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад ва талаботи махсусро оид ба заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ ва илмӣ тақозо менамояд.*
*«Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дарҶумҳурии Тоҷикистон»*

Ҷаҳони муосир дар асри XXI тақозо менамояд, ки мутахассисон дар рӯҳияи эҳтироми принсипҳои гуманистӣ ва демократӣ тарбия ёбанд ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ волояти қонунро дар ҳама ҷабҳаҳои демократикунонии ҷамъият риоя намоянд. Самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низ дар доираи ҳамин принсипҳо ба танзим даровард мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи интегратсионӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон дар раванди ҳалли масъалаҳои глобалии соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, равобити фарҳангию илмӣ ҳамкорӣ менамояд ва дар шароити ҳозира онро густариш мебахшад. Аз ин лиҳоз, мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тайёр карда мешаванд, бояд қобилияти инкишоф додани ҳама гуна равобит бо ҳама давлатҳои ҷаҳон дар доираи ихтисос ва наздикшавии тамаддунро дошта бошанд.

Вазифаи асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъмини суръатнок ва самарабахши рушди иқтисодиёт дар заминаи пешравии илму техника, таҷҳизонидан бо технологияи нав, таҷдиди истеҳсолот мебошад. Истифодаи пурмаҳсули иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дар ин асос комёб гардидан ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ равона мегарданд.

Барои ноил гаштан ба ин мақсад бояд самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дарояндаи наздик возеҳу равшан муайян карда шаванд, ки асоситаринашон аз чунин ҳадафҳои стратегӣ иборат мебошанд:

- таҳлил намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ гирифтани таҳсилот ва дар ин асос таҳияи модулҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрию ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва дар ин замина таҳия намудани талаботи замонавӣ вобаста ба ихтисос ва равияҳо;
- таҳияи меъёрҳое, ки мутахассисонро дар бозори озоди меҳнати ҷаҳонӣ тобовар тайёр намоянд;
- таҳияи барномаи мутобиқгардонидашудаи миллии гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз таҷрибаи ҷаҳонӣ;
- таҳияи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие, ки барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат менамояд (грантҳои давлатӣ, ташкил кардани хазинаи махсуси тайёр намудани мутахассисон вобаста аз эҳтиёҷот ба онҳо дар вилоятҳо, ноҳияҳо, маҳалҳо ва шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- таҳияи маводҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бораи ба тарзи озмун қабул кардани кормандон, дар ин раванд васеъ намудани эҳтимолияти ба кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои мавҷудаи соҳаи маориф ва таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- тайёр кардани коргарони бошуур бо ихтисоси дорои маҳорати касбӣ, бо донишҳои амиқ ва устувори асосноки илмӣ-истеҳсолотӣ, тафаккури муосири техникӣ-иқтисодӣ, саводнокии компютерӣ, қобилияти ҷисмонӣ ва ҳам зеҳнии меҳнатӣ, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, илм ва фарҳанг, маҳорати бомуваффақият аз худ кардани техника ва технологияи нав ва истифодаи он дар амал;
- ташаккули ҷаҳонбинии коргари оянда дар демократикунонии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, тарбияи ватанпарварӣ, садоқат ба соҳибистиқлолият ва башардӯстӣ, оштинопазирӣ ба идеологияи душманона нисбати мардум ва давлати Тоҷикистон, дуруст дарк намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тарбияи аъзои фаъоли ҷамъият ва соҳибэҳтироми ватани худ, инсонпарварӣ ва иттиҳод, сифатҳои баланди маънавӣ, инчунин муносибати эҷодкорона ба меҳнат, низомнокӣ ва муташаккилӣ, рафтору кирдори бофарҳангона дар зиндагӣ.

Дар ҷаҳони муосир масъалаи касбу касбомӯзӣ аз падидаҳои муҳимми давлатӣ арзёбӣ мешавад. Танҳо мутахассиси дар сатҳи баланд омодашудаи салоҳиятдор ва коршиносу масъул метавонад он вазифаҳои серҷабҳаеро, ки дар назди ҷомеаи ҷумҳурӣ меистад, сарбаландона ва бомуваффақият анҷом диҳад.

Ташаккули равонии касбу касбгарой аз давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ оғоз гардида, тӯли тамоми фаъолияти меҳнатии инсон тадриҷан ривоҷ меёбад. Дар маркази таваҷҷуҳи равонии касбӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии меҳнатӣ ва касбии одамон, хусусиятҳои инфиродии шахсият ва тавсифномаи фаъолияти касбии корманд қарор мегирад. Ин матлабро донишҷӯён, ки дарояндаи наздик неруи яккачин ва пештози рушду тараққидиҳандаи мамлакат хоҳанд шуд, бояд ба таври амиқ дарку эҳсос намоянд.

Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба Стандарти давлатии таҳсилот тағйироту иловаҳо ворид мешавад. Ҳангоми иҷро намудани ин ҳадафҳои стратегӣ, пеш аз ҳама мазмуну мундариҷаи фанҳои умумӣ-гуманитарӣ, табиию риёзӣ, тахассусӣ, таҷрибаи таълими истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ тағйир меёбанд; тарзи омӯзиши онҳо ва талаботи аз худ намудани ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳамбастагӣ бо мактабҳои таҳсилоти асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Барои рушди бемайлони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ талаботи ҳадди ақалли тараққиёти онҳо дар самтҳои гуногуни фаъолияташон таҳия гардида, дар амал ҷорӣ карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, «Роҳнамои нақшаи таълим» барои тайёр намудани кадрҳои звенои миёнаи касбӣ, ки барои ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ гардонидани сатҳу дараҷаи омоданамоии ихтисосмандон, касбҳо ва дар ин замина равнақи бештар бахшидан ба сатҳи касбомӯзии кормандон кӯшишест, ки ба ҷиҳати муаррифии зуҳуроту падидаҳои нави раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо нишон додани ихтисос муайян карда мешавад.

Дар марҳилаи ҳозираи пешрафти ҷомеа бо умеди беҳтар ба роҳ мондани низоми кори муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, амалӣ намудани ислоҳоти маориф бо назардошти талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ, афзоиши бекорӣ, эҳтиёҷот ба кадрҳои звенои миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури мазкур – «Роҳнамои нақшаи таълим» – мураттаб шудааст.

Директорон, муовинони онҳо, дигар кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбиро зарур аст, ки фаъолияти минбаъдаи хешро дар асоси ин ҳуҷҷатҳо ба роҳ монанд.

**Мафҳумҳои асосии, истифодашаванда**
**дар нақшаҳои таълимӣ ва раванди таълимӣ:**

**-аккредитатсия** – тартиби муайян намудани мақоми муассисаи таълимии навъи муайян барои фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ;

**-апеллятсия** – амалест, ки аз ҷониби комиссияи таъсисдодашуда бо мақсади муайян намудани дониши воқеии донишҷӯ дар асоси аризаи ӯ доир карда мешавад;

**-аттестатсия** - аз тарафи омӯзгор ба амал баровардани шакли назорати ҷамъбастии иҷрои барномаи таълимии фан ва стандарти давлатӣ;

-**аттестатсияи ниҳоии давлатии донишомӯзон** – тартибест, ки барои муайян кардани дараҷаи фарогирии донишҷӯён ба талаботи стандарти ҳатмии давлатии сатҳи марбутаи таълим анҷом дода мешавад ва аз рӯи натиҷаи ҳосилшуда ба донишҷӯ ҳуҷҷати дорои таҳсилоти миёнаи касбии марбута (диплом) дода мешавад;

**-барномаи асосии таълимии омода кардани мутахассисон (барномаи мутахассис)** – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методии фарогирандаи нақшаи таълимӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ (модулҳо) ва дигар мавод, ки омодашавии донишҷӯ, ҳамчунон барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҷадвали тақвимии таълимӣ ва дастурҳои методии татбиқи технологияи дахлдори таълимро, аз ҷумла комплекси таълимӣ- методиро фаро, мегирад;

**-барномаи кории таълимӣ –** ин барномаи таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии мушаххас мебошад, ки барномаи намунавии таълимро бо назардошти тахассуси амалкунанда ва инъикоскунандаи мазмуни қисмати муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ пурра менамояд;

**-барномаи фан барои донишҷӯ -** барномаи таълимӣ оид ба ҳар як фанни омӯхташаванда, ки мавзӯъҳо ва давомнокии ҳар як машғулиятро фаро мегирад;

**-барномаи фан барои омӯзгор** - барнома оид ба ҳар як фанни таълимӣ, ки фарогирандаи талаботи зерин мебошад: шарҳи фанни мавриди омӯзиш қарор гирифта; мазмуни фишурдаи фан; мақсад ва вазифаҳои фан, мавзӯъҳо ва давомнокии ҳар як машғулияти таълимӣ; вазифаҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД); вақт барои маслиҳатдиҳӣ; талаботи омӯзгор; меъёри баҳогузорӣ, ҷадвали тестҳо ва имтиҳонҳои марҳилавӣ; рӯйхати адабиёти тавсияшаванда;

**-барномаи кории таълимӣ –** ин барномаи таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии мушаххас мебошад, ки барномаи намунавии таълимро бо назардошти тахассуси амалкунанда ва инъикоскунандаи мазмуни қисмати муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ пурра менамояд;

**-бахши таълимӣ** – маҷмӯи машғулиятҳои таълимӣ, ки бевосита ба омодагии касбӣ- амалии донишҷӯ нигаронида шудааст ва шаклҳои аттестатсия, ки тафтиши бавуҷудоии афзалияти салоҳиятҳои байнифанниро (аз ҷумла, умумифарҳангиро) таъмин менамояд;

**-бозомӯзии ва такмили ихтисоси касбӣ** – таълиме, ки мутобиқи сатҳи таҳсилоти касбӣ, ба мақсади такмили ихтисос аз ин ё он касб дода мешавад;

-б**озпурсии омехта** – шакли санҷиши шифоҳӣ ва хаттии дониш оид ба як ва ё якчанд модулҳо;

**-бозпурсии хаттӣ –** навиштани ҷавоб ба саволҳои санҷишӣ, ҳалли вазифаҳо, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи рақамӣ, иҷрои вазифаҳои амалӣ оид ба бахшҳои алоҳидаи фан;

**-бозпурсии шифоҳӣ**- шакли назорати ҷорӣ буда, баъди омӯзиши маводи як ва ё якчанд бахшҳои фан дар намуди ҷавобҳо ба саволҳо, баррасӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада доир карда мешавад;

**-воҳиди ҳисобшаванда (кредит) –** ченаки меҳнатталабии барномаи таълимӣ. Ин воҳид бояд тамоми намудҳои кори донишҷӯро, ки дар нақшаи инфиродии ӯ пешбинӣ шуда ва аз ҷониби маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёна тасдиқ шудааст – машғулиятҳои аудиторӣ (лексияҳо, машғулиятҳои амалию семинарӣ), корҳои мустақилона, таҳия ва дифои корҳои курсӣ ва дипломӣ ва ғайраҳоро фаро гирад;

**-давраи такмили дараҷаи ихтисоси омӯзгорӣ -** бо сурати ҳатмӣ дар идомаи ҳар як давраи академӣ на камтар аз як маротиба дар ҳар як панҷсола дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи пешбари ҷаҳон, қитъа, мамлакат гузаштани омӯзгор аз такмили дараҷаи ихтисоси омӯзгорӣ;

**-дараҷаи академӣ -** дараҷаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ба донишҷӯён тибқи натиҷаҳои азхуднамоии талаботи барномаҳои дахлдори таълимии ба самтҳои омоданамоии ихтисосманд нигаронидашуда, дода мешавад;

**-дастовардҳои таълимии донишҷӯ** – муайян намудани сатҳи дониш, малакаю маҳорат ва салоҳияти донишҷӯ, ки дар раванди таълим ҳосил мешавад ва дараҷаи бадастомада дар ташаккули шахсияти ӯ инъикос меёбад;

**-дафтари сабткунанда (Бақайдгиранда) -** хадамоте мебошад, ки ба сабтнамоии таърихи пурраи дастовардҳои таълимии донишҷӯён шуғл меварзад;

**-дифои корҳои лабораторӣ ва вазифаҳои инфиродӣ** – санҷиши дониши андӯхтаи донишҷӯён оид ба вазифаҳои инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ бо мақсади тафтиши дурустӣ ва иҷрои мустақилонаи онҳо, маҳорати банизомдарорӣ ва ҷамъбастнамоии маводи гузашта, ба таври ошкоро муаррифӣ ва дифоъ намудани мавқеи интихоб намуда;

**-донишҷӯ** - шахсе, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассисаҳои касбӣ қабул шуда, дар шӯъбаҳои рӯзона, шабона, ғоибона ё экстернат бо мақсади дарёфти дараҷаи муайяни таълим ва ихтисос таҳсил менамояд;

**-ихтисос** - маҷмӯи дониш ва маҳорату малака, ки бо роҳи омӯзиши ҳадафнок ва таҷрибаомӯзии корӣ ҳосил шуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошад ва бо ҳуҷҷати мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешавад;

**-касб** - намуди асосии шуғл ва фаъолияти меҳнатии инсон буда, бо ҳуҷҷати марбут ба таҳсилот тасдиқ карда мешавад;

**-кори (лоиҳаи) курсӣ** - шакли санҷиши қобилияти эҷодии донишҷӯ мебошад. Дар давоми мӯҳлати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳар як донишҷӯ аз фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ на камтар аз 3 лоиҳа ё кори курсӣ таҳия менамояд;

**-кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД)** – пешбурди кор аз рӯи феҳристи муайяни мавзӯъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шуда, бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурӣ таъмин карда мешавад. Назорати татбиқи он аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули тестҳо, бозпурсиҳо, коллоквиумҳо, рефератҳо, иншоҳо ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ ба сурати зерин - КМД - кори мустақилонаи донишҷӯ ва КММ - кори мустақилонаи мутахассис тақсим карда мешавад;

**-кори мустақилонаи донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор (КМРО)** – кори аудитор                                    ии донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор дар доираи барномаи таълимӣ ба амал бароварда шуда, дар ҷадвали дарсӣ сабт мегардад ва вобаста ба сатҳу дараҷаи омодагии донишҷӯён бо тартиби зерин тақсим карда мешавад: - КМРО - кори мустақилонаи донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор**;** Кори мустақилонаи донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор ба сарбории омӯзгор дохил мешавад;

**-кори ниҳоии мутахассиси зинаи миёна** – маҳсули илмӣ ва эҷодии хатмкунии мутахассис мебошад, ки таҳти назорати роҳбари илмӣ бевосита дар кафедра иҷро карда мешавад;

-к**ори санҷишӣ (контролӣ)** –муайян кардани сатҳи донишандӯзии донишҷӯ доир ба фанҳои алоҳида тавассути баргузор кардани кори хаттӣ;

**-мавзӯи (объекти) фаъолияти касбӣ** – низомҳо, молу мавод, зуҳурот, равандҳое, ки ба таъсиррасонӣ самти онҳо равона карда мешавад;

-**маводи фаъоли тавзеҳотӣ –** маводи фаъоли мусаввари дастурӣ, ки дар раванди машғулияти таълимӣ ҷиҳати афзун намудани шавқу рағбати донишҷӯ барои ба таври эҷодкорона ва муваффақона фаро гирифтани мавзӯъ (тезисҳои лексия, иқтибосҳо, мисолҳо, вазифаҳо барои кори мустақилона) тавзеҳ карда мешавад;

**-мазмуни таълим** - сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимиест, ки аз худ намудани он ба шахс имкони гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ихтисоси муайянро таъмин менамояд;

**-маълумотномаи академӣ** - санади муайяншудае мебошад, ки дар он номгӯи фанҳои омӯхтаи донишҷӯ дар давраи дахлдори таҳсил бо нишондоди кредитҳо ва баҳоҳо дар давраи идомаи таҳсил сабт карда мешавад. Ба донишҷӯ, аз ҷумла, агар ӯ ба идомаи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ хотима гузошта бошад, дода мешавад;

**-модул** – як қисми фанни таълимӣ ва ё маҷмӯи фанҳои таълимӣ мебошад, ки дар робита ба мақсад ва натиҷаҳои таълим тамомияти муайяни мантиқӣ дорад;

**-муассисаи миёнаи касбии таълимии ғайридавлатӣ** - муассисаи миёнаи таълимие, ки ба моликияти ғайридавлатӣ ва хусусӣ асос ёфта, ба муассис (муассисон) тобеъ аст;

**-назорати дастовардҳои таълимии донишҷӯён** - тафтиши дастовардҳои таълимии донишҷӯён оид ба фанни мушаххас дар асоси пешниҳоди вазифаҳои гуногуни санҷишӣ (корҳои хаттӣ, тестҳо, корҳои амалӣ, бозпурсиҳои шифоҳӣ ва ғайраҳо) ба амал бароварда мешавад. Он ба назорати ҷорӣ, назорати фосилавӣ ва назорати ҷамъбастӣ тақсим мешавад;

**-назорати марҳилавӣ** – назорате мебошад, ки дар нақшаи кории таълимӣ пешбинӣ гардида, дар шакли имтиҳон ва ё санҷиш оид ба фанҳои таълимӣ баргузор карда мешавад;

**-назорати фосилавӣ** – назорате мебошад, ки дар бахшу қисматҳои мустақил - модулҳои таълимии фанни омӯхташуда ва дар анҷоми омӯзиши маводи таълимии модул ба амал бароварда мешавад. Назорати фосилавӣ бо мақсади муайян кардани сифати дарсазхудкунӣ ва фарогирии маводи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён баргузор карда мешавад;

**-назорати ҷамъбастӣ** (*Final Examnation*) - тафтиши дастовардҳои таълимии донишҷӯ баъди анҷомёбии омӯзиши фанни таълимӣ, дар давраи аттестатсияи марҳилавӣ баъд аз ба итмоми расидани давраи академӣ баргузор карда мешавад; доирнамоии назорати ҷамъбастӣ дар шакли имтиҳон: шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ сурат мегирад;

**-назорати ҷорӣ** - ин мушоҳидаи пайваста ва бетаъхир аз болои сатҳи донишандӯзӣ ва ташаккулёбии маҳорату малакаи донишҷӯ дар давоми семестр ва соли таълимӣ мебошад;

**-намуди фаъолияти касбӣ** – методҳо, тарзҳо, намудҳои қабул, тавсифи таъсиррасонӣ ба манбаъҳои фаъолияти касбӣ бо мақсади ворид кардани тағйирот ва азнавсозмондиҳӣ;

**-натиҷаҳои таълим** – азхуднамоии дониш, маҳорат, малака ва ташаккулёбии салоҳиятҳо;

**-нақшаҳои инфиродии таълим** – самту равияи (траекторияи) таҳсилотии ҳар як донишҷӯро дар алоҳидагӣ муайян месозад;

**-нақшаи кории таълим** – ин нақшаи таълимии ихтисосҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии мушаххас мебошад, ки бо назардошти шароитҳои маҳаллӣ, тахассус, дақиқнамоии сохтори тақвимӣ, марҳилаҳои раванди таълимиро дар заминаи нақшаи намунавии таълим бо ислоҳнамоӣ ва такмилдиҳӣ (мутобиқ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ) таҳия карда мешавад.

Нақшаи кории таълим ҷадвали раванди таълимро муқаррар карда, маҷмӯи маълумотҳоро оид ба буҷаи вақт, феҳристи фанҳои таълимӣ доир ба ихтисоси мазкур, тақсимоти онҳо ба солҳои таҳсил, семестрҳо, ҳафтаҳо бо нишон додани ҳаҷми ҳар яке аз онҳо бо соат аз рӯи намуди машғулият, мӯҳлатҳои супоридани имтиҳонҳо, санҷишҳо, корҳои (лоиҳаҳои) курсӣ ва дипломӣ, ташкили шаклҳои мухталифи таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён, намудҳо ва шаклҳои назорати донишандӯзии донишҷӯён, ҳисобу китоби меҳнатталабии фаъолияти таълимии омӯзгорро фаро мегирад;

**-нақшаи намунавии таълим** - мазмун ва меҳнатталабии омӯзиши фанни таълимиро муайян менамояд. Дар ҷадвали нақшаи мазкур ном ва мӯҳтавои фишурдаи фан дарҷ карда мешавад;

**-нақшаи таълимӣ** – ҳуҷҷати асосӣ, ки феҳрист ва ҳаҷми фанҳои таълимии дараҷаи дахлдори таълим ва тартиби омӯзиши онҳоро ба танзим медарорад;

**-низоми баҳогузории рейтингии таҳсилот** – шакли баҳогузорие мебошад, ки холҳои пешбинишуда ва ҷамъи онҳоро фаро мегирад. Низоми баҳодиҳии миқдорӣ ба мазмуни барномаҳои таълим ва натиҷаҳои азхудкунии онҳо мебошад;

**-низоми холӣ-рейтингӣ** - доир ба ҳар як фанни таълимӣ мавҷуд будани назорат аз болои давомоти фосилавӣ (имтиҳон, санҷиш) ва ҷориро (иштирок дар машғулиятҳои семинарӣ, иҷрои вазифҳои мустақилонаи хонагӣ, супоридани меъёрҳои назоратӣ, тестҳои компютерӣ ва ғайраро) дар назар дорад;

**-номнавис барои омӯзиши фанни таълимӣ** - тибқи тартиби муқарраршуда номнависи қаблии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши фанҳои таълимӣ;

**-номнависи фан** – номнависи мухтасари фан;

**-озодии академӣ** - озодии баёни мазмуни таълим аз рӯи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзӯъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ;

**-пререквизитҳо, постреквизитҳо** - фанҳое, ки мутаносибан то оғоз ва баъди анҷоми омӯзиши азхудкуниашон барои донишҷӯён талаботи ҳатмист;

**-рейтинги академии донишҷӯ** – нишондиҳандаи теъдодии сатҳи аз ҷониби донишҷӯ фаро гирифтани маводи барномавии таълимӣ, ки дар заминаи натиҷаҳои аттестатсияи қаблӣ (санҷиши ҷамъбастӣ) таҳия карда мешавад;

**-реферат** - кори эҷодии хаттии мустақилонаи донишҷӯи муассисаи таълимӣ буда, бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши назариявӣ ва қобилияти зеҳнии ӯ пешбинӣ мегардад;

**-салоҳият** (компетентсия) – қобилият ва омода будан барои истифодабарии дониш, маҳорат ва сифатҳои шахсӣ ҷиҳати фаъолияти бомуваффақият дар соҳаи муайян;

**-самти омодагӣ** – маҷмӯи барномаҳои таълимии дараҷаҳои гуногунро дар як соҳаи касбӣ фаро мегирад;

**-санҷиш** - ҷузъи баҳодиҳӣ ба дараҷаи дониши донишҷӯ мебошад, ки ба сатҳу сифати иҷрои корҳои амалӣ, лабораторӣ, дарсҳои семинарӣ, таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва пешаздипломии ӯ вобаста аст. Бо ифодаи дигар санҷиш - ин баҳогузории ниҳоӣ ба малака, маҳорат ва сатҳу дараҷаи дониши донишҷӯ мебошад. Ҳамчунин, ба амал баровардани шакли назорати татбиқи барномаи таълимӣ ва стандарти давлатӣ, яке аз ҷузъҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи дониши донишҷӯ, ҳудуд ва дараҷаи иҷрои корҳои амалӣ, озмоишӣ, дарсҳои семинарӣ, эҷодӣ, таҷрибаомӯзиҳои таълимию истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ мебошад;

**-санҷиши марҳилавӣ** – аз ҷониби омӯзгори таълимдиҳанда ба амал баровардани санҷиши мунтазами сатҳи дониши донишҷӯ оид ба ҳар як бобу мавзӯъҳои фаннӣ мавриди омӯзиш қарордошта;

**-санҷиши (имтиҳони) фосилавии давомнок** – санҷиши даврии сатҳи дониши донишҷӯ аз фанҳои алоҳидаи таълимӣ, ки мувофиқи нақшаи раванди таълимии тасдиқшуда, аз ҷониби омӯзгор амалӣ мегардад;

**-санҷиши тафриқавӣ** - барои лоиҳа ва корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзӣ ва дигар фанҳои омӯхташаванда, ки аз ҷониби Шӯрои омузгорони муассисаи таълимӣ муқаррар гардидаанд, ба амал баровarда мешавад;

**-санҷиши таҳсилоти фосилавӣ** - тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ муайян намудани сатҳи донишандӯзии донишҷӯ;

**-силлабус -** барномаи мухтасари (кӯтоҳи) таълимӣ оид ба ҳар як фанни таълимӣ, ки дар он маълумот оид ба омӯзгоре, ки фанни мавриди омӯзиш қарордоштаро таълим медиҳад, пререквизитҳо, постреквизитҳо (фанҳое, ки мутаносибан то оғоз ва баъди анҷоми омӯзиши онҳо азхудкуниашон барои донишҷӯён талаботи ҳатмист), шарҳу тафсир ва мазмуни мухтасари фан, мавзӯъҳо ва давомнокии машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ (лабораторӣ), мавзӯъҳои вазифаҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (КМД) (ҳисобҳои графикӣ, корҳои курсӣ ва ғайраҳо), рӯйхати адабиёт, маълумот оид ба баҳогузорӣ ба сатҳи дониш, талаботи омӯзгор (сиёсат ва тартибу қоидаҳо);

**-силсилаи таълимӣ** – маҷмӯи фанҳои (модулҳои) барномаи асосии таълим, ки азхуднамоии дониш, маҳорат ва шаклгирии салоҳиятҳоро дар соҳаи дахлдори илм ва (ё) фаъолияти касбӣ таъмин менамояд;

**-соати академӣ** - вақти муқарраршудае мебошад, ки омӯзгор бо донишҷӯ машғулиятҳои дохилиаудиториро баргузор менамояд. Соати академии таҳсили кредитӣ ба як соати робитаи мутақобилаи (омӯзгор бо донишҷӯ - 50 дақиқа) лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ (семинарӣ) ва ё 1,5 соати робитаи мутақобилаи (75 дақиқа) машғулиятҳои дохилистудиявӣ, ё 2 соати робитаи мутақобилаи (100 дақиқа) корҳои лабораторӣ ва машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, ё 5 соати робитаи мутақобилаи (250 дақиқа) ҳар навъи таҷрибаомӯзӣ баробар мебошад;

**-соҳаи ихтисос (профил)** – самти нигаронидашудаи барномаи асосии таълимӣ ба намуди мушаххас ва (ё) объекти фаъолияти касбӣ, мутаносибан ба маҷмӯи салоҳиятҳои дахлдор;

**-соҳаи фаъолияти касбӣ** - маҷмӯи мавзӯъҳои (обектҳои) фаъолияти касбӣ дар зоҳиршавии илмӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва истеҳсолии онҳо;

**-стандарти таҳсилоти миёнаи касбӣ** - маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ, моҳияту мӯҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти миёнаро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунанд;

-**талабот ба сатҳи омодагии хатмкунандагон** - аз бисёр ҷиҳат ҳадди ақали мазмуни барномаҳои таълимӣ-касбиро муайян менамояд;

**-тахассус** - намуд ва дараҷаи омодагии касбии хатмкунанда барои иҷрои фаъолияти касбӣ ё давом додани таҳсил, ки дар ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута инъикос мешавад;

**-таълими фосилавӣ** (таълим дар масофа) - яке аз шаклҳои таълим, фаъолияти мақсадноки методии таълимӣ-идрокӣ ва инкишофии шахс, ки аз муассисаи таълимӣ дар масофаи дур воқеъ гаштаанд ва тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ маълумот мегиранд**;**

**-таҳсилот** - раванди муттасили таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии аъзои ҷамъият мебошад;

**-таҳсилоти иловагӣ** - раванди тарбия ва таълим, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагии ҳама сатҳҳо бо мақсади ҳамаҷониба қаноатманд гардонидани талаботи маърифатии шаҳрванд, ҷамъият ва давлат сурат мегирад;

**-тақвими академӣ** – тақвими баргузорнамоии тадбирҳои таълимӣ ва назоратӣ дар давоми соли таълимӣ бо ишора кардани рӯзҳои истироҳатӣ (таътил ва ҷашнҳо);

-**таҷрибаомӯзӣ** - шакли мустаҳкамнамоии донишҳои назариявӣ ва амалӣ, баланд бардоштани сатҳи маҳорату малакаи касбӣ, сайқал додани таҷриба, маҳорат ва истеъдоди касбии донишҷӯ мебошад, ки татбиқи комили он омезишёбии назария ва амалияро таъмин менамояд;

-**тақвими академӣ -** ҷадвалест, ки дар он дар давоми соли таҳсил санаҳои гузаронидани дарсҳо ва корҳои санҷишӣ бо ишораи рӯзҳои истироҳат ва идҳои тақвимӣ дарҷ карда мешаванд;

-**тестҳо** – шакли таҳририи назорат оид ба бахшҳои алоҳидаи фанни таълимӣ бо тарзи пешниҳоднамоии саволҳои санҷишӣ;

-**тютр** – омӯзгоре, ки машғулиятҳои таълимиро мегузаронад;

**-фанҳои умумитаълимӣ (ФУ)** - силилаи фанҳои гуманитарӣ (иҷтимоию ҷамъиятӣ) ва табиатшиносию илмӣ;

**-фаъолияти таълимӣ-** фаъолияте, ки аз роҳи анҷоми хадамот барои дарёфти таҳсилоти миёнаи касбӣ ва додани ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута алоқаманд аст;

-**холи миёна (ХМ)** – баҳогузорӣ ба ҳисоби миёнаи сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯ оид ба барномаи интихобкардааш мебошад (фарогирии баргардонии ҳосили ҷамъи кредитҳо ба ифодаи ададии холҳои баҳогузории назорати ҷамъбастӣ оид ба фан ба теъдоди умумии кредитҳои дар даври гузаштаи таълим ҳисоб карда мешавад);

**-худидораи муассисаи таълимӣ** – мустақилӣ дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, татбиқи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**-шакли таҳсилоти рӯзона –** шакли таълимест, ки дар асоси муқарраротӣ он донишҷӯ мутобиқи нақшаи таълимӣ вазифадор аст, ки дар тамоми машғулиятҳои таълимӣ иштирок намояд;

-**шакли таҳсилоти ғоибона** – шакли таълимест, ки дар он донишҷӯ дар давоми семестр теъдоди камтари кредитҳои муқарраршударо ба даст меорад, тавассути ба сурати омехта ширкат варзидан дар машғулиятҳои таълимӣ ба амал бароварда шуда, бо интиқолу ирсоли маводи омӯзишӣ ва таълимоти фосилавӣ ҷараён мегирад;

-**эдвайзер** - омӯзгори кафедраи мутасаддии хатмнамоӣ, ки вазифаи сарпарастии (мураббии) донишҷӯро оид ба ихтисоси дахлдор ба ӯҳда дошта, ҷиҳати интихоби ҳудудҳои таълим ва азхуднамоии барномаҳои таълимӣ дар давраи таҳсил мусоидат менамояд;

-**экстерн** - шахсе, ки омӯзиши мустақилонаи фанҳоро аз рӯи барномаи асосии таълимӣ интихоб намуда, минбаъд дар муассисаи таълимӣ аз аттестатсияи ҷорӣ ва ниҳоӣ мегузарад;

-**экстернат** – омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаҳои асосии таълимӣ аз рӯи самти интихобнамудаи (тахассус) бо аттестатсияи ниҳоӣ (ҷорӣ ва ниҳоӣ) дар муассисаи таълимӣ;

**-ҷузъи интихобӣ** – фанҳои таълимии интихобие мебошанд, ки барои омӯзиши онҳо донишҷӯ дар ҳар давраи дилхоҳи академӣ соҳибихтиёр мебошад;

**-ҷузъи ҳатмӣ** – маҷмӯи фанҳое мебошад, ки тибқи барномаи таълимӣ омӯхтани онҳо барои донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

**Меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муқарароти умумӣ**

Меъёри мазкур татбиқи амалии сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ вобаста ба дигаргуншавиҳои муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, маърифативу фарҳангӣ, демократикунонии сохтори идоравӣ ва таълиму тарбия дар самти тарбияи кадрҳои коргарии ихтисоснок, баландихтисос ва мутахассисони зинаи миёна, бо назардошти талаботи бозори меҳнат, муайян мекунад.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва номгӯи ихтисосҳои миёнаи касбӣ, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони барои солҳои 2008 – 2015, Оиннома ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ амалӣ менамояд.

Мутобиқи банди 4-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият бо мутахассисони зинаи миёнаро дар амал татбиқ менамояд:

-барномаи ягонаи якҷояшудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳсилоти асосӣ (синфи 9) бо гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мӯҳлати таҳсил на кам аз 4 сол (вобаста аз мураккабии ихтисос);

-таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи маълумоти миёнаи умумӣ (синфи11) бо мӯҳлати 3 соли таҳсил (вобаста ба мураккабии ихтисосҳо);

-қонеъ гардонидани талаботи шахсият дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ бо роҳи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-ташкил ва доир намудани корҳои методӣ, илмию методӣ, таҷрибавию лоиҳасозӣ, инчунин ҳангоми мавҷуд будани заминаи моддию техникӣ ва кадрӣ ташкил ва доир намудани корҳои эҷодӣ ва тадқиқотӣ;

-бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ ва кадрҳои коргарӣ;

-тавсеаи дониш дар байни аҳолӣ ва боло бурдани сатҳи таҳсилоти умумиву фарҳангии ҷомеа, аз ҷумла бо роҳи хизматрасонии таълимии музднок.

**Барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва нақшаҳои таълимии**
**таҳсилоти миёнаи касбӣ**

1.Нақшаю барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбарнамоии донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии кишварҳои дигар, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон ва татбиқи эъломияи давлатҳои муштаракулманофеъ дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» таҳия карда мешавад.

2.Сохтори нақшаю барномаи асосии таълимӣ дар Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ғайр аз меҳнатталабии силсила, инчунин «азхуднамоии натиҷаҳои банақшигирии» сатҳи асосии (базавии) онҳо, ки дар натиҷа омӯзиши қисмати асосии (базавии) ин силсилаҳоро донишҷӯ бояд донад, дарк намояд, маҳорат ҳосил намояд ва ниҳояти кадом навъи салоҳиятҳои хатмкунанда ташаккул ёфта, ба шакли муайян медароянд. Вобаста ба ҳамин, дар раванди таҳияи барномаи асосии таълим бояд феҳристи зарурӣ ва мазмуну мундариҷаи фанҳои таълимӣ муайян карда шаванд.

3.Мазмуни нақшаю барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси стандартҳои марбутаи таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия гардида, тавассути нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ амалӣ мегарданд.

4.Нақшаҳои таълимӣ дар се шакл таҳия карда мешаванд:

-нақшаҳои намунавии таълим, ки мазмун ва меҳнатталабии омӯзиши фанни таълимиро муайян менамояд. Дар ҷадвали он дарҷ кардани феҳрист ва мӯҳтавои фишурдаи фанҳо ҳатмист;

-нақшаҳои кории таълимӣ ҳамчун асос барои ҳисобу китоби меҳнатталабии фаъолияти таълимии омӯзгорон хизмат мерасонанд;

-нақшаҳои инфиродии таълимӣ самту равияи таҳсилотии ҳар як донишҷӯро дар алоҳидагӣ муайян менамоянд.

Дар ҳамаи шаклҳои нақшаҳои таълимӣ низоми ягонаи рамзгузории фанҳо истифода бурда мешавад, ки барои ҳар як фанни таълимии нақшаи таълимӣ рамзи дахлдори бо аломатҳои рақамӣ ифодашаванда, пешбинӣ мегардад.

## Талаботи минимуми барномаи ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои фанҳои гуманитарӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва табиию риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2013, №9/36 тасдиқ шудааст.

Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои мустақилона ва шакли назорат оид ба бахши якум ва дуюми нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои умумӣ-гуманитарӣ ва табиию риёзӣ барои ихтисосҳои равияи гуманитарӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, табиию риёзӣ, техникӣ ва технологӣ дар **заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.**

| Т/р | **Номи фан** | **Соатҳои ҳамагӣ** | **Аудиторӣ** | **Мустақилона** | **Шакли назорат** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бахши 1.Фанҳои умумӣ-гуманитарӣ** | | | | | |
| 1. | Таърихи халқи тоҷик | 92 | 70 | 22 | санҷиш имтиҳон |
| 2. | Забони тоҷикӣ | 92 | 70 | 22 | санҷиш имтиҳон |
| 3. | Забони русӣ | 138 | 106 | 32 | санҷиш имтиҳон |
| 4. | Забони хориҷӣ | 182 | 140 | 42 | санҷиш имтиҳон |
| 5. | Фалсафа | 92 | 70 | 22 | санҷиш имтиҳон |
| 6. | Ҳуқуқ | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| 7. | Сотсиология | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| 8. | Тарбияи ҷисмонӣ | 138 | 106 | **32** | санҷиш |
| 9. | Фанни интихобӣ-Этикаи касбӣ | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| | **Ҷамъ** | **872** | **670** | **202** | |
| **Бахши 2. Фанҳои табиию риёзӣ** | | | | | |
| 1 | Информатика | 138 | 106 | 32 | санҷиш имтиҳон |
| 2 | Экология | 44 | 34 | 10 | санҷиш |
| 3 | Консепсияи табиатшиносии муосир (вобаста аз равия) | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| 4 | Географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| | Фанҳои интихобӣ | 126 | 96 | 30 | |
| | Фанҳои хатмӣ | 166 | 128 | 38 | |
| | **Ҷамъ** | **566** | **436** | **130** | |
| | **Ҳамагӣ** | **1438** | **1106** | **332** | |

Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои мустақилона ва шакли назорат оид ба бахши якӯм ва дуюми нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои умумӣ-гуманитарӣ ва табиию риёзӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, табиию риёзӣ ва техникию технологӣ дар **заминаи таҳсилоти умумии асосӣ**.

| № | Номи фан | ҳаҷми умумии соатҳо | соатҳои аудит. | мустақ илона | шаклҳои назорат |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бахши 1. фанҳои умумӣ-гуманитарӣ** | | | | | |
| 1. | Таърихи халқи тоҷик | 142 | 110 | 32 | санҷиш имтиҳон |
| 2. | Забони тоҷикӣ | 198 | 152 | 46 | санҷиш имтиҳон |
| 3. | Забони хориҷӣ | 106 288 | 82 222 | 24 66 | санҷиш имтиҳон |
| 4. | Забони русӣ | 296 | 228 | 68 | санҷиш имтиҳон |
| 5. | Тарбияи ҷисмонӣ | 244 | 188 | 56 | санҷиш |
| 6. | Фалсафа | 92 | 70 | 22 | санҷиш имтиҳон |
| 7. | Асосҳои ҳуқуқ | 52 | 40 | 12 | имтиҳон |
| 8. | Адабиёти тоҷик | 158 | 122 | 36 | санҷиш |
| 9. | Таърихи умумӣ | 52 | 40 | 12 | санҷиш |
| 10. | Сотсиология | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| 11. | Фанни интихобӣ-Этикаи касбӣ | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| | **Ҷамъ** | **1432** **1614** | **1104** **1244** | **328** **370** | |
| **Бахши 2. Фанҳои табиию риёзӣ** | | | | | |
| 1 | Информатика | 244 | 188 | 56 | санҷиш |
| 2 | Экология | 44 | 34 | 10 | санҷиш |
| 3 | Алгебра | 158 | 122 | 36 | имтиҳон |
| 4 | Геометрия | 106 | 82 | 24 | санҷиш |
| 5 | Физика | 158 | 122 | 36 | имтиҳон |
| 6 | Химия | 106 | 82 | 24 | имтиҳон |
| 7 | Биология | 106 | 82 | 24 | санҷиш |
| 8 | Тайёрии ибтидоии ҳарбӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ | 88 | 68 | 20 | санҷиш |
| 9 | Географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография | 46 | 36 | 10 | санҷиш |
| 10 | Фанҳои интихобӣ | 46 | 36 | 10 | |
| | **Ҳамагӣ** | **1102** | **852** | **250** | |
| | **Ҷамъ** | **2534** **2716** | **1956** **2096** | **578** **620** | |

Эзоҳ: 1.Дар блоки фанҳои табиию риёзӣ дохил намудани фанҳои «Экология», «Информатика» ва «Консепсияи табиатшиносии муосир» барои ҳамаи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳатмӣ мебошад.

2.Блоки фанҳои тахассусӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ (касбӣ), таҷрибаи таълимӣ аз тарафи муассисаҳои таълимӣ таҳия карда мешавад.

3.Миқдори умумии соатҳо барои тайёр намудани мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи таҳсилоти 3 сола ҳаҷми умуми соати аудиторӣ то 3162 соат, аз рӯйи таҳсилоти 4 сола ҳаҷми умуми соати аудиторӣ то 4454 соатро ташкил менамояд.

4.Ҳадди ниҳоии ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯён бо тамоми шаклҳои корҳои таълимии синфӣ ва берун аз синфӣ дар як ҳафта бояд аз 54 соат зиёд набошад.

5.Сарбории донишҷӯёни шуъбаи рӯзона дар як ҳафта дар дарсҳои таълимии омӯзгорон набояд то 38 аз 34 соати таълимӣ ва дар шакли шабонаи таълим набояд аз 20 соат зиёд бошад.

6.Дар давоми соли тахсил барои донишчуён на камтар аз ду маротиба таътил мукаррар карда шудааст, ки муддати умумии он 8-11 ҳафта, баъди нимсолаи зимистон на камтар аз 2 ҳафта бояд бошад.

7.Теъдоди имтиҳонот дар раванди аттестатсияи ҷории донишҷӯён аз рӯйи шаклҳои рӯзона ва ғоибонаи таҳсил набояд аз 5-то имтиҳону 10-то санҷиш зиёд бошад.

8.Дар нақшаи таълимӣ дар як семестр аз меъёр зиёд санҷиш ва имтиҳон ба нақша гирифтан иҷозат дода намешавад.

9.Сарбории донишҷӯёни шуъбаи ғоибона 30% соатҳои шуъбаи рӯзонаро ташкил медиҳад.

Мӯҳлати меъёри аз худ намудани барномаи таҳсилоти касбии асосии шуъбаи рӯзонаи таҳсилот метавонад то 93 ҳафтаро (мӯҳлати таҳсил 3 сол) ва 131 ҳафтаро (мӯҳлати таҳсил 4 сола) дар бар гирад.

**таълими 3 сола:**

- соатҳои таълимӣ 3162 соат
- таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (касбӣ) то 12 ҳафта (432 соат)
- таҷрибаомӯзии таълимӣ то 4 ҳафта (144 соат)

- соатҳои фанҳои факултативӣ (90 соат)
- аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ то 4 ҳафта (144 соат)
- соатҳо барои машварат (90 соат)
- корҳои мустақилона (948 соат)
-омӯзиши назариявӣ бо тамоми дарсҳои амалӣ, лабораторӣ, тайёр намудани кори курсӣ (лоиҳаи курсӣ) 93 ҳафта

**таълими 4 сола:**
- соатҳои таълимӣ 4454 соат
- таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (касбӣ) то 12 ҳафта (432 соат)
- таҷрибаомӯзии таълимӣ то 4 ҳафта (144 соат)
- соатҳои фанҳои факултативӣ (120 соат)
- аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ то 4 ҳафта (144 соат)
- соатҳо барои машварат (90 соат)
- корҳои мустақилона (1336 соат)
- омӯзиши назариявӣ бо тамоми дарсҳои амалӣ, лабораторӣ, тайёр намудани кори курсӣ (лоиҳаи курсӣ) 131 ҳафта

## 5.Нақшаҳои таълим дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия гардида аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

1.Нақшаҳои намунавии таълимӣ санади асосӣ ба шумор рафта, дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия гардида дар давоми панҷ сол иваз намешаванд.

2.Меҳнатталабии фаъолияти таълимӣ дар ҳамаи шаклҳои нақшаҳои таълимӣ бо Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ муқаррар карда мешавад. Нақшаи таълим дар асоси нақшаҳои намунавӣ тартиб дода мешавад.

3.Нақшаҳои кории таълимиро, ки асос барои ҳисобу китоби меҳнатталабии фаъолияти таълимии омӯзгорон мебошанд, ҷонишини директор оид ба кори таълим дар заминаи нақшаҳои намунавӣ тартиб медиҳанд ва онҳо аз ҷониби директор дар Шӯрои омӯзгорӣ (олимон) баррасӣ карда мешаванд.

Ин нақшаҳо барои ҳисоби бастҳои (штатҳои) кории ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун заминаи асосӣ хизмат мерасонанд.

4.Нақшаҳои кории таълимӣ аз рӯйи зарурият ва пайдарпайии азхуднамоии мазмуни барномаҳои таълимӣ бояд се гурӯҳи фанҳоро фаро гиранд:
- фанҳои умумӣ – гуманитарӣ;
- фанҳои табиию риёзӣ;
- фанҳои тахассусӣ;

**5.**Миқдори пурраи ҳаҷми соатҳои таълимиро Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян мекунад.

6.Нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ки самту равияи таҳсилоти ҳар як донишҷӯро дар алоҳидагӣ муайян месозанд ва аз тарафи донишҷӯ бо мадади омӯзгорони мутасаддӣ барои ҳар як соли таълимӣ тибқи тартиби муқарраршуда тартибу таҳия карда шуда азхуд менамоянд.

7.Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ раванди таълимро дар ҳаҷми пуррааш бо фароҳам овардани ҳама гуна сарчашмаҳои иттилоотӣ: китобҳои дарсӣ, дастуруламалҳои таълимӣ, методӣ, таҳқиқотҳо ва тавсияномаҳои оид ба фанҳо таҳияшуда, маводи фаъоли тавзеҳшаванда ва роҳнамоҳо оид ба кори мустақилона, китобҳои дарсии электронӣ, дарёфти иҷозат ба захираҳои таълимии шабакаи байналмилалии Internet таъмин менамоянд. Маҷмӯи маводи таълимӣ-методӣ оид ба фан барои омӯзгор ва донишҷӯ дар алоҳидагӣ фароҳам оварда мешавад. Ба ғайр аз он, ҳар як донишҷӯ барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо маълумотнома-роҳнамои таълимӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон, муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ раванди таълимии низоми ғайрианъанавии таҳсилро бо тамоми асбобу анҷом ва таҷҳизоти зарурӣ (бинои таълимӣ, лабораторияҳои илмию таълимӣ, маводи масрафшавандаи зарурӣ, бошишгоҳҳои таҷрибавӣ, хобгоҳҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва ғайраҳо) таъмин менамоянд.

8.Сохтори нақшаи таълимии таҳсилот 9 фаслро дарбар мегирад.

### Намунаи нақшаи таълимӣ (4 сола)

**а) раванди таълим (дар ҳафта)**

### 1. Ҷадвали раванди таълим

| Мох | Сентябр | | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | Январ | | | | Феврал | | | | Март | | | | | Апрел | | | | | Май | | | Июн | | | | | Июл | | | | Август | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хафта | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | 6 | 13 | 20 | 27 | 3 | 10 | 17 | 24 | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | 5 | 12 | 19 | 26 | 2 | 9 | 16 | 23 | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 | 6 | 13 | 20 | 27 | 4 | 11 | 18 | 25 | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | 6 | 13 | 2 | 27 | 3 | 10 | 17 | 24 |
| | 7 | 14 | 21 | 28 | 5 | 12 | 19 | 26 | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 | 7 | 14 | 21 | 28 | 4 | 11 | 18 | 25 | 1 | 8 | 15 | 22 | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | 5 | 12 | 19 | 26 | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 | 7 | 14 | 21 | 28 | 5 | 12 | 19 | 2 | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| Курс | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 | 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 4 | 48 | 49 | 50 | 51 | 52 |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | = | = | | | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | = | = | = | = | = | = | = | = | = | = |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | = | = | | | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | = | = | = | = | = | = | = | = | = | = |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | = | = | О | О | О | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | Х | Х | Х | Х | Х | = | = | = | = | = | = | = | = |
| 4 | | | | | | | | | | | Х | Х | Х | Х | Х | Х | | | :: | = | = | | | | | | | | | | | | | | | | | :: | :: | // | // | // | // | | | | | | | | | |

**Аломатҳои истифодашуда дар ҷадвали раванди таълим**

| Таҳсили назариявӣ | | Аттестатсияи ҷорӣ | :: | Таҷрибаомӯзии таълимӣ | О | Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | Х |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Кори дипломӣ** | Д | **Аттестатсияи давлатӣ** | // | **Таътил** | = |

**б) маҷмӯи буҷаи вақт (дар ҳафта)**

Дар ҷадвали маҷмӯи буҷаи вақт, теъдоди ҳафтаҳои имтиҳонӣ, бахши назариявӣ, санҷиши марҳилавӣ, сессияи имтиҳонӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ (истеҳсолӣ, омӯзгорӣ), кори дипломӣ, аттестатсияи давлатӣ, таътил, вақти захиравӣ ва ҷамъи ҳафтаҳо нишон дода мешавад.

| **Курс** | **Таълими назариявӣ** | | **сессияи имтиҳонӣ (ҳафта)** | **Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таълимӣ (дар ҳафта)** | | | **Лоиҳаи дипломӣ (аттестатсияи давлатӣ)** | **Таътил (дар ҳафта)** | **Ҷамъи умумии ҳафтаҳо дар соли таҳсил** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ҳафта** | **соат** | | **Таълимӣ** | **Истеҳсолӣ** | **Пешаздипломӣ** | | | |
| 1 | 36 | 1224 | 4 | | | | | 12 | 52 |
| 2 | 36 | 1224 | 4 | | | | | 12 | 52 |
| 3 | 31 | 1054 | 3 | 3 | 5 | | | 10 | 47 |
| 4 | 28 | 952 | 3 | | | 6 | | 2 | 39 |
| Ҷамъ | 131 | 4454 | 14 | 3 | 5 | 6 | | 36 | 192 |

**в) нақшаи раванди таълим**

**Нақшаи раванди таълим зерфаслҳои зеринро фаро мегирад:**
Номгӯи фанҳо мутобиқи талаботи минимуми барномаи хатмии Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ;
ҳаҷми соатҳои аудиторӣ мутобиқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ;
шакли натиҷаи назорат; (санҷиш, имтиҳон)
миқдори корҳои курсӣ ва лоиҳаи кори курсӣ;
теъдоди умумии сарборӣ:
ҳаҷми дарсҳои аудиторӣ;
кори мустақилонаи донишҷӯ;
тақсимоти фанҳо ба курсҳо ва семестрҳо.

| **Р/т** | **Номгӯи фанҳо** | **Тақсимот аз рӯйи семестрҳо** | | **Кори курсӣ** | **Лоиҳаи кори курсӣ Лоиҳаи кори курсӣ** | **Ҳаҷми соатҳо** | | | | **Тақсимот аз рӯи курс ва семестр** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **имтиҳон** | **санҷиш** | | | **ҳамагӣ** | **Машғулият дар дарсӣ (аудиторӣ)** | **Корҳои лаб. ва машғ. амалӣ** | **Кори мустақилона** | **курси 1** | | **курси 2** | | **курси 3** | | **курси 4** | |
| | | | | | | | | | | **Семестр** | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** |
| | | | | | | | | | | **Ҳафтаҳо** | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | **18** | **18** | **18** | **18** | **18** | **13** | **12** | **16** |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** |

**Бахши фанҳои умумӣ-гуманитарӣ**

